Шартномаи №21/26

ш. Душанбе «30» июни соли 2026

ҶСК "Барқи Тоҷик" дар шахсияти Директори генералӣ Асозода М. Ш., ки дар асоси Оиннома амал менамояд ва дар оянда «Фармоишгар» номида мешавад, аз як тараф ва ҶДММ "Тиҷорати Фаъол", дар шахсияти Директор Ҳикматов С.С., ки дар асоси Оиннома амал менамояд ва дар оянда «Иҷрокунанда» номида мешавад, аз тарафи дигар дар якҷоягӣ «Тарафҳо» номида мешаванд.

1. Мавзӯи шартнома

1.1. Тибқи шартҳои Шартномаи мазкур Иҷрокунанда ӯҳдадор мешавад бо дархости Фармоишгар бо истифода аз донишу малакаи касбии худ Хизматрасонии техникиро оид ба таҳия ва ба истифода додани почтаи электронии корпоративии миллӣ дар домени bt.tj дар ҶСК "Барқи Тоҷик" (минбаъд Хизматрасонӣ) иҷро намояд ва Фармоишгар ӯҳдадор мешавад, ки маблағи Хизматрасониҳоро ба Иҷрокунанда, тибқи тартиби муқарраргардида, пардохт намояд.

1.2. Номгӯи муфассали Хизматрасониҳо ва нархи Хизматрасониҳо дар Замимаи №1 дарҷ карда мешавад, ки он қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад.

1.3. Иҷрокунанда ӯҳдадор мешавад Хизматрасониро шахсан, мунтазам ва дар сари вақт иҷро намояд.

1.4. Иҷрокунанда ӯҳдадор мебошад, ки Хизматрасониро дар мӯҳлати 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи имзои Шартнома иҷро намояд

2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Тарафҳо

2.1. Фармоишгар ӯҳдадор аст:

2.1.1. Маблағи Хизматрасониҳоро дар ҳаҷм ва муҳлати муқаррар намудаи Шартномаи мазкур пардохт намояд.

2.1.2. Хизматрасониҳоро мутобиқи шартҳои Шартномаи мазкур қабул намояд.

2.1.3. Шартҳо ва тавсияҳое, ки Иҷрокунанда вобаста ба истифода ва нигоҳдории Ҳизматрасониҳо ба Фармоишгар медиҳад риоя намояд.

2.2. Иҷрокунанда ӯҳдадор аст:

2.2.1. Хизматрасониҳоро бо сифати аъло ва дар муҳлати дар Шартномаи мазкур қайду шарт шуда иҷро намояд.

2.2.2. Бо дархости Фармоишгар тамоми намуди Хизматрасониҳои техникиро иҷро намояд ва қатъиян мутобиқи дастурамали техникии истеҳсолкунанда Ҳизматрасонӣ намояд.

2.2.3. Иҷрои Хизматрасониро на дертар аз 1 (як) рузи корӣ аз лаҳзаи имзои Шартномаи мазкур шуруъ намояд.
2.2.4. Ба кормандони техникии Фармоишгар кумаки амалӣ ва машваратиро расонад.
2.2.5. Хизматрасониҳои иҷрошударо тибқи шартҳои Шартномаи мазкур ва дар сари вақт супорад.
2.2.6. Ҳуҷҷатҳои вобаста ба Ҳизматрасониро, ки дар дасти Иҷрокунанда қарор дорад ба шахсони сеюм насупорад ва нишон надиҳад.

2.3. Фармоишгар ҳуқуқ дорад:

2.3.1. Дар ҳама маврид тартиб ва сифати Хизматрасониҳои Иҷрокунандаро назорат намояд.
2.3.2. Дар тамоми ҳолати нодурустии Ҳизматрасонӣ Иҷрокунандаро даъват намояд.
2.3.3. Дар ҳама маврид аз иҷро намудани Шартномаи мазкур даст кашад, дар ҳолати пардохт намудани Хизматрасонии Иҷрокунанда дар моҳи ҷорӣ.

2.4."Иҷрокунанда" ҳуқуқ дорад:

2.4.1. Пардохти маблаги Хизматрасониҳои иҷрошударо талаб намояд.
2.4.2. Аз Фармоишгар тамоми маълумоти заруриро барои иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ тибқи Шартномаи мазкур гирад.

3.Тартиби қабул ва супоридани хизматрасониҳо

3.1. Дар муддати 3 (се) рузи корӣ, пас аз ба итмом расонидани Хизматрасониҳои иҷрошуда дар моҳи сипаригашта, Иҷрокунанда ӯҳдадор аст ҳуҷҷатҳо ва маводҳои дахлдорро, ки бевосита ба иҷрои Хизматрасониҳо вобастагӣ доранд бо санади қабул-супоридани Хизматрасониҳо (минбаъд санад) дар 2 (ду) нусха ба Фармоишгар супорад.
3.2. Дар муддати 5 (панҷ) рузи корӣ аз рӯзи қабули Санади мазкур, Фармоишгар ӯҳдадор аст Хизматрасониҳои дар Санад дарҷгардидаро қабул намуда, Санадро имзо намояд ё ба Иҷрокунанда эътирозҳои асосноки худро хаттӣ ирсол намояд.
3.3. Муҳлати бартараф намудани камбудиҳо аз ҷониби Иҷрокунанда 3 (се) рузи кориро аз рузи қабули эътирозҳои асосноки хаттии Фармоишгар нисбати Санад дарбар мегирад.

Хизматрасониҳо дар ҳолате ба таври дахлдор иҷрошуда эътироф мешаванд, ки агар Тарафҳо Санадро ҳангоми пешниҳод намудани тамоми ҳуҷҷатҳои дар банди 3.1.-и Шартномаи мазкур дарҷгардида аз ҷониби Иҷрокунанда, имзо намуда бошад.

4. Нархи Хизматрасониҳо ва тартиби ҳисоббаробаркунӣ
4.1. Нархи Хизматрасониҳо маблаги 451 830,00 (чорсаду панҷоҳу як ҳазору ҳаштсаду си,00) сомониро бо дарназардошти тамоми андозҳо ташкил медиҳад.

4.2. Фармоишгар метавонад ба Иҷрокунанда тибқи Шартномаи мазкур то 50% аз нархи Хизматрасонӣ пешпардохт намояд.
4.3. Ба нархи Хизматрасониҳо маблағи тамоми хароҷотҳои Иҷрокунанда, тибқи Замимаи №1 дар бар мегирад.
4.4. Маблағи боқимондаи хизматрасониҳо пас аз иҷрои пурраи хизматрасониҳо ва имзои Санад аз ҷониби Тарафҳо, пардохт карда мешавад. Пардохт тибқи шартномаи мазкур бо тариқи интиқол додани маблағҳои пулӣ аз ҷониби Фармоишгар ба суратҳисоби Иҷрокунанда амалӣ мешавад.

5. Ҷавобгарии тарафҳо

5.1. Тарафҳо барои иҷро накардан ва иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо тибқи шартномаи мазкур ҷавобгариро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бар ӯҳда доранд.
5.2. Иҷрокунанда барои вайрон кардани ӯҳдадориҳои шартномавии худ ба Фармоишгар дар чунии ҳаҷм ҷарима мепардозад:
- барои иҷрои Хизматрасониҳои бесифат ва ё сифати паст – ҷарима дар ҳаҷми 10% аз арзиши Хизматрасонии Иҷрошуда;
- ба таъхир андохтани иҷрои Хизматрасонӣ – пеня дар ҳаҷми 1% аз арзиши хизматрасонии Иҷрокунанда барои ҳар як рӯзи ба таъхирандозӣ.
5.3. Пардохти ноустуворона, инчунин ҷуброни зиёни расонидашуда Тарафҳоро аз иҷрои ӯҳдадориҳояшон дар шакли асл озод намекунад.

6. Мӯҳлати амали шартнома ва тартиби бекор кардани он

6.1. Шартномаи мазкур аз рӯзи ба имзо расонидани он ба қувваи амал даромада, дар давоми 12 моҳ эътибор дорад, нисбати иҷрои ӯҳдадориҳо бошад, то пурра аз ҷониби Тарафҳо иҷрои ӯҳдадориҳояшон тибқи шартномаи мазкур, амал менамояд.
6.2. Шартномаи мазкур метавонад бо созиши Тарафҳо ва яктарафа бо асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда шавад.

7. Ҳолатҳои рафънопазир (форс – мажор)

7.1. Тарафҳо аз ҷавобгари барои пурра ва ё қисман иҷро накардани ӯҳдадориҳо тибқи Шартномаи мазкур озод карда мешаванд, агар иҷро накардани ӯҳдадориҳо дар натиҷаи амали шудани қувваҳои рафънашаванда ба вуҷуд омада бошанд, аз қабили: сӯхторҳо, обхезӣ, заминҷунбӣ, корпартоӣ, ҷанг, амали мақомотҳои давлатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки аз иродаи Тарафҳо вобаста намебошанд.
7.2. Тарафе, ки ӯҳдадориҳои худро тибқи Шартномаи мазкур иҷро карда наметавонад, ӯҳдадор аст бетаъхир на дертар аз 5 (панҷ) рузи тақвими баъд аз фаро расидани ҳолати рафънопазир дигар Тарафро бо тариқи хаттӣ бо замимаи тасдиқоти дахлдор хабардор намояд.

8. Шартҳои хотимавӣ

8.1. Ҳамагуна иттилоот дар бораи мавқеи молиявии Тарафҳо ва шартҳои дигари шартномаи мазкур конфиденсиалӣ шуморида мешаванд ва набояд аз ҷониби Иҷрокунанда қатъиян фош карда шаванд.

8.2. Тарафҳо эътироф мекунанд, ки агар яке аз муқарраротҳои Шартномаи мазкур ҳангоми муҳлати амали он дар натиҷаи тағйирёбии қонунгузорӣ бекор шаванд, муқаррароти дигари Шартнома барои Тарафҳо дар доираи муҳлати амали Шартномаи мазкур ҳатмӣ мебошад.

8.3. Шартномаи мазкур дар 3 (се) нусхаи аслӣ бо забонҳои тоҷикӣ тартиб дода шуда, якто ба Иҷрокунанда ва сетои дигар ба Фармоишгар дода мешавад.

8.4. Дигар ҳолатҳое, ки дар Шартномаи мазкур пешбинӣ нагардидааст, Тарафҳо муқарраротҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегиранд.

Суроғаҳо ва реквизитҳои тарафҳо:

Фармоишгар:	**Иҷрокунанда:**
ҶСК "Барқи Тоҷик" с/ҳ 20202972600336101000 с/м 2040272316264 БИК 350101626 РМА 040000011 ДХ БДА "Амонатбонк"-и ҶТ	ҶДММ "Тиҷорати Фаъол" с/ҳ 20202972810901211391 с/м 20402972413691 БИК 350101369 РМА 180017347 Филиали ҶСК "Ориёнбонк" дар маҳалаи 91, ш. Душанбе

Фармоишгар

Директори генералӣ _____/ Асозода М.

Иҷрокунанда

Директор _____/Ҳикматов С.